# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович дар мавзӯи «Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва ҷойгоҳи “Номаҳо”-и ӯ дар насри форсу тоҷики асри XII» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.00.- Адабиётшиносӣ(10.01.08-Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ).**

Диссертатсияи доктории Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович ба мавзуи муҳим ва актуалӣ – таҳқиқи “Номаҳо”-и ориф ва адиби барҷастаи асри XII Айнулқузоти Ҳамадонӣ бахшида шудааст. Айнулқузоти Ҳамадонӣ яке аз адибон ва орифони маъруфи асри XII мебошад, ки, мутаассифона, рӯзгору осор ва, махсусан, «Номаҳо»-и ӯ то ҳол дар адабиётшиносии форсу тоҷик ба таври шоиста омӯхта нашудааст. “Номаҳо”-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар адабиётшиносии форсу тоҷик ва шарқшиносии ҷаҳон аҳаммияти хос доранд. Ин номаҳо на танҳо аз лиҳози суннати номанигорӣ ва тарассул, балки аз ҳайси фарогирии маводди фаровони адабию ирфонӣ ва таърихӣ муҳимманд. Аз сӯйи дигар, баҳсҳо ва ихтилофи назарҳо дар мавриди ному куният, лақаб, замони таваллуду марги адиб, осори азбайнрафта ва боқимондаю мансуби Айнулқузот то ҳол вуҷуд дорад.

Бо назардошти ин, муаллифи диссертатсия дар назди худ вазифа гузоштааст, ки масъалаҳои таҳқиқи рӯзгор ва осори илмию адабии Айнулқузоти Ҳамадонро бо такя ба осори худи суханвар ва сарчашмаҳои боэътимоди асрҳои миёна, осори азбайнрафтаю мавҷуд ва мансуби адибро, расму оини номанигориро то замони Айнулқузоти Ҳамадонӣ, заминаҳои пайдоиш ва оғози номанигории форсӣ-тоҷикиро то даврони Сосониён, оини тарассул, шеваи нигориш ва муншаотнависии форсӣ-тоҷикиро аз оғози даврони исломӣ то замони Салҷуқиён ва Хоразмшоҳиён, сабк ва шеваи хоси нигориши номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ, арзиши илмии нусхаҳои хаттии «Номаҳо», назари интиқодӣ ба нашри «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва бо такя ба нусхаҳои хаттӣ тасҳеҳ намудани ғалатҳои матншиносии он, мухтассот ва вижагиҳои адабиву услубии «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадониро мавриди баррасӣ қарор диҳад.

Аз мутолиаи автореферати диссертатсия бармеояд, ки муаллиф масоили мавриди баҳсро бо назари тозаю равишҳои наву муосири таҳқиқ баррасӣ намуда, хулосаҳои мудаллали илмӣ баровардааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки омӯзиш ва таҳқиқи ин мавзуъ имкон медиҳад, то оид ба зиндагинома, мероси илмию адабии азбайнрафтаю мавҷуди Айнулқузоти Ҳамадонӣ, муаллифони аслии осори мансуб ба ӯ, ашъори форсию арабии ӯ,

вижагиҳои адабиву услубӣ, матншиносию нусхашиносӣ ва ҷойгоҳи «Номаҳо»-и ин суханвари ориф дар таърихи адабиёти форсӣ - тоҷикӣ, махсусан, насри қарни XII тасаввуроти комил ва возеҳ пайдо шавад.

Мавзуи «Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва ҷойгоҳи “Номаҳо”-и ӯ дар насри форсу тоҷики асри XII» ба шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.00.-Адабиётшиносӣ(10.01.08-Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) **мувофиқ** буда, масъалаҳои дар диссертатсия баррасигардида бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои таҳқиқоти илмӣ **иртиботи** қавӣ доранд. Диссертатсия дар доираи яке аз самтҳои корҳои илмӣ - таҳқиқотии кафедраи адабиёти классикии тоҷики факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», ки «Поэтика, матншиносӣ ва маърифати осори бадеӣ» унвон дорад, анҷом ёфтааст.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар таърихи адабиётшиносии тоҷик аз бори аввал ба таҳқиқ фаро гирифтани рӯзгор ва осори илмию адабии Айнулқузоти Ҳамадонӣ бо такя ба осори худи суханвар ва сарчашмаҳои боэътимод ва ҳаллу фасли ихтилофи андешаҳое, ки дар мавриди ном, кунияту лақаб, замони таваллуду шаҳодат, осори мафқуду мавҷуд ва мансуби ӯ байни муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ҷой доштанд, иборат аст. Дар заминаи равишҳои нави таҳқиқи адабиётшиносӣ дар рисола бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик заминаҳо ва омилҳои ташаккул ва таҳаввули номанигории форсӣ-тоҷикии қабл аз ислом ва ривоҷи минбаъдаи он дар қарнҳои нахустини исломӣ то замони Айнулқузоти Ҳамадонӣ баррасӣ шуда, дар баробари вижагиҳои адабию услубӣ ҷойгоҳи «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар насри форс-тоҷикии асри XII муайян карда шуда, саҳми ӯ дар рушди адабиёти ирфонӣ ва таҳаввули номанигорӣ таъкид гардидааст. Инчунин, аҳаммияти «Номаҳо»-и ҚозииҲамадонӣ ҳамчун сарчашмаи беназир ва мунҳасир ба фард дар шинохти ашъори форсии худи суханвар, ҳамчунин чанд тан адибону орифон, аврома ва фаҳлавиёт муайян ва баён шуда, нусхаҳои хаттии «Номаҳо»-и Қозии Ҳамадонӣ баррасӣ гардида, аҳаммияти онҳо дар тасҳеҳ ва нашри нусхаҳои илмию интиқодии осори суханварони асрҳои IX-XII таъкид шудааст. Натиҷаҳои илмии пажуҳиш имкон дорад, ки ба омӯзиши минбаъдаи таърих ва назарияи номанигорӣ, вижагиҳои адабиву услубӣ, нусхашиносӣ ва матншиносии тарассулот ва муншаоти суханварони дигари асри XII ва қарнҳои баъдӣ, таҳқиқи паҳлуҳои номакшуфи мероси илмӣ ва адабии Айнулқузоти Ҳамадонӣ мусоидат

кунанд. Ҳамчунин, хулоса ва тавсияҳои муаллифи рисола метавонад маводи зарурии назариро доир ба меъёрҳои шинохт ва баҳодиҳӣ ба ҷараёни тарассулот ва муншаотнависии форсӣ-тоҷикӣ фароҳам оварад, ки аз **аҳаммияти баланди назариявии таҳқиқ дарак медиҳад.**

Натиҷаҳои **амалии** рисоларо метавон ҳангоми таълифи китобҳои таърихи адабиёти тоисломии форсӣ-тоҷикӣ, қарнҳои нахустини исломӣ ва асрҳои IX-XII, таърих ва назарияи фанни номанигорӣ, таҳияи китобҳои дарсии академӣ ва донишгоҳии таърихи адабиёти тоҷик, адабиёти тасаввуф, забоншиносӣ, сарчашмашиносӣ, матншиносӣ, сабкшиносӣ, фарҳангшиносӣ, таълифи рисолаҳои илмии доктории дараҷаи PhD, магистрӣ, рисолаҳои хатми дараҷаи бакалавр, корҳои курсӣ истифода намуд. Инчунин, натиҷа ва хулосаҳои рисола метавонанд зимни хондани лексияҳо, дарсҳои амалӣ аз фанни таърихи адабиёти тоҷик, таърихи забони адабии тоҷикӣ, матншиносӣ, нусхашиносӣ, сарчашмашиносӣ, сабкшиносӣ ва курсҳои махсус дар факултетҳои филологияи тоҷик ва забонҳои шарқ мавриди истифода қарор гиранд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Аз авторефереги диссертатсия маълум мешавад, ки кори таҳқиқии мавриди назар аз муқаддима, 4 боб, 17 фасл, 14 зерфасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, 382 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад. Муаллиф дар доираи мавзуи таҳқиқшуда 1 монография, 65 мақолаи илмӣ чоп кардааст, ки аз ҷумлаи онҳо 24 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба чоп расида, саҳми шахсии муаллифро дар илми адабиётшиносии тоҷик ифода намудаанд.

Дар баробари муваффақиятҳои хуби илмӣ, дар автереферати диссертатсия баъзе нуқсонҳо ба назар расид, ки рафъи онҳо аз манфиат холӣ нест:

1. Дар мавриди мафҳуми “осори мафқуди Айнулқузоти Ҳамадонӣ” тааммул мебояд. Муаллиф ин мафҳумро чунин шарҳ медиҳад: “Мурод аз осори мафқуд осори илмӣ ва адабие мебошанд, ки матни аслии онҳо ҳанӯз ба даст наомада ва Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар таълифоти худ унвони онҳоро зикр карда ва ё ба таври андак аз мазмуни онҳо иттилоъ додааст” (Автореферат, саҳ. 16). Аммо дар кулли фарҳангҳо мафқуд ба маънии гумшуда, нопайдо, азбайнрафта ва “асари мафқуд” ба

маънии асари гумшуда ва азбайнрафта шарҳ ёфтааст ва шарҳи муаллифи диссертатсия тасҳеҳталаб аст.

2. Тарзи навишти баъзе калимаҳо ва номи китобҳо ба гунаи мухталиф оварда шудаанд, ки ислоҳ мехоҳанд, монанди таърих – тоърих (Муҳаммадӣ, М. Таърих ва фарҳанги Эрон дар даврони интиқол аз асри Сосонӣ ба асри исломӣ(Саҳ.22); Туйсарконӣ, Қ. Тоърихе аз забони тозӣ дар миёни эрониён пас аз ислом(Саҳ.21, 22).), Асрор-ут-тавҳид фӣ мақомот-иш-Шайх Абисаид – Асрор-ут-тавҳид фӣ мақомоти-ш-Шайх Абисаид (Саҳ.23.).
3. Дар бахши "**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда**"(Саҳ.9) ва фасли **"Атрибутсия – мансубияти ашъори истишҳодшуда"(**Саҳ.39) муаллифи диссертатсия исми шоиронеро зикр мекунад, ки ашъорашон дар "Номаҳо"-и Айнулқузот омадааст, ки дар байни онҳо номҳои Анварии Абевардӣ(1126-1189) ва Авҳадуддини Кирмонӣ(1166-1236) ҳаст. Ҳатто як байт аз «Мунозираи кадубун бо дарахти чинор»-и Анварӣ ҳам дар ин фасл оварда шудааст. Бояд гуфт, замоне ки Айнулқузот вафот карда буд, Анварӣ ҳамагӣ панҷ сол дошт. Пас, чӣ гуна ин байти Анварӣ дар "Номаҳо"-и Айнулқузот зикр шудааст? Ё Авҳадуддини Кирмонӣ пас аз 35 соли шаҳодати Айнулқузот ба дунё омадааст. Омадани ашъори ин шоир низ дар "Номаҳо"-и Айнулқузот баҳсбарангез аст. Агар муаллиф дар ҳамин фасл ё дар фасли **«Назари интиқодӣ ба нашри «Номаҳо»-и Айнулқузот»** дар мавриди чӣ гуна роҳ ёфтани ашъори ин шоирон баҳс мекард, аз манфиат дур набуд.

Нуқсонҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмию амалии кори таҳқиқии Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷоновичро коҳиш намедиҳанд.

Бо дарназардошти нақду баррасиҳои анҷомшуда, метавон хулоса кард, ки диссертатсияи докторӣ Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович дар мавзуи **«Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва ҷойгоҳи "Номаҳо"-и ӯ дар насри форсу тоҷики асри XII»** ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (тағйирот бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси

10.01.00.- Адабиётшиносӣ(10.01.08-Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
Доктори илмҳои филологӣ,
ректори МДТ «Донишкадаи
давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи Мирзо Турсунзода» Низомӣ Муҳриддин Зайниддин

Имзои М.З. Низомиро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати
Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» Ҳамидова З.Ҳ.

Маълумот барои тамос:
Нишонӣ: 734033, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 73А
Тел.: 231-23-83; 231-18-27; 231-45-45.
E-mail:nizomi73@mail.ru

28 майи соли 2024